## НАТИҶАИ ТАҲҚИҚОТ

# Имкониятҳои ҳифзи табиати фаромарзӣ дар водии Зарафшон



Р. Брайтч, Д. Баҳриев

# Заминаҳои асосӣ

Ҳуҷҷати мазкур дар асоси таҳқиқоти таҷрибавӣ таҳия шудааст. Дар таҳқиқоти таҷрибавӣ бо ҷонибҳои манфиатдори маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилали 35 мусоҳибаи мушаххас гузаронида шуда, натиҷаи онҳо бо мушоҳидаҳои маҳаллӣ, тасвири визуалии аксҳои моҳвораӣ ва баррасии адабиёти илмӣ ва сиёсӣ мукаммал карда шудаанд.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот имкониятҳои воқеии рушди ҳамкориҳои фаромарзиро дар самти ҳифзи табиат ошкор кард.

Барои амалӣ кардани ин имкониятҳо дар корҳои фаромарзии ҳифзи табиат, ҳамкориҳои фаромарзӣ бояд на танҳо ба ҳифзи табиат, балки инчунин ба рафъи мушкилоти умумии иҷтимоӣ, ки ба харобшавии экологӣ оварда мерасонанд, нигаронида шаванд. Таҳкими иқтидори техникӣ ва татбиқи ҳамкориҳо дар сохторҳои идоракунӣ, қадамҳои муҳим барои пешгирии харобшавии минбаъдаи вазъи муҳити зист ва таъмини рушди устувори водии Зарафшон ба шумор меравад.




↑ *Ҳудудҳои муҳофизатшаванда дар тӯли маҷрои мобайнии дарёи зарафшон.*


Парки табиии миллии Зарафшон
Парваришгоҳи Зарафшон
Ӯзбекистон
Панҷакент
Тоҷикистон
0
5
10 км

# Муқаддима

Маҷрои мобайнии дарёи Зарафшон барои Ӯзбекистону Тоҷикистон минтақаи муҳим ба шумор рафта, таърихи қадим, фарҳанги бой ва заминҳои ҳосилхез дорад. Дар ин минтақа инчунин экосистемаи туғайзор мавҷуд аст, ки яке аз биотопҳои ғанитарин ва дар айни замон зери хатари нобудшавӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Яке аз намудҳои маъмули ин экосистема гавазни бухороӣ мебошад. Он ба Китобҳои Сурхи ҳарду кишвар, инчунин ба Замимаи I Конвенсияи ҳифзи намудҳои кӯчишкунанда (CMS) ва замимаи II Конвенсияи тиҷорати байналмилалии намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи фауна ва флораи ёбоӣ (CITES) дохил карда шудааст.

Водии дарёи Зарафшон экосистемаи умумии ду кишвар буда, мушкилоти онро наметавон бо чораҳои яктарафа ҳал кард. Қарорҳое, ки дар болооби дарё қабул карда мешаванд, ба шароити минтақаҳои поёноб таъсир мерасонанд ва баръакс. Ин вобастагии мутақобила зарурати шадиди муносибати ҳифзи табиати фаромарзиро ба вуҷуд меорад. Бе амалҳои саривақтӣ ва ҳамоҳангшуда, водии Зарафшон ҳам аҳамияти экологии худ ва ҳам қобилияти нигоҳ доштани некӯаҳволии одамонро аз даст медиҳад. Ҳамин тариқ, вазъи кунунӣ масъалаи мубрами сиёсӣ мебошад, ки иштироки фаврӣ ва ҳамоҳангшудаи



*→ Фаҳмидани ақидаҳои мардуми маҳаллӣ муҳим аст. Аксбардор: Р. Брайтч*




*↑ Масрафи об дар дарёи Зарафшон.Гролл М., Опп Р., Кулматов Р., Норматов И., Стулина Г. ва Шерматов Н./ Захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ — вазъи мавҷуда (статус-кво) ва низоъҳои эҳтимолии оянда дар ҳавзаи фаромазии дарё, дар мисоли дарёи Зарафшон. Гузориш дар конфронс, 2014*

ҳарду кишвар ва шарикони онҳоро талаб мекунад, алахусус бо назардошти он ки тағйирёбии иқлим мушкилоти мавҷударо боз ҳам афзоиш медиҳад.

Бо амалӣ кардани «Шартнома дар бораи муносибатҳои иттиҳодӣ» аз 31 марти соли 2025 (Тоҷикистон-Ӯзбекистон), сатҳи кунунии ҳамкории байни ду кишвар барои ҳифзи табиати фаромарзӣ, аз ҷумла водии Зарафшон имконият фароҳам меорад.

# Хулосаҳо

## Сабабҳои ҳифзи фаромарзии табиат ба мисли пештара характери экологӣ доранд

Дар байни мушкилоти гуногуни экологии минтақа, ҳифзи гавазнҳои бухороӣ яке аз сабабҳои асосӣ барои ҳамкориҳои фаромарзӣ ба шумор меравад. Парокандашавии муҳити зист, харобшавии экологӣ ва маҳдудшавии алоқаи генетикии ин намуд, аз ҷониби кормандони ҳудудҳои муҳофизатшаванда, мақомоти давлатӣ ва ташкилоти байналмилалӣ ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ эътироф карда мешаванд. Маълум аст, ки зинда мондани чунин намудҳои нодир бо чораҳои яктарафа таъмин карда намешавад. Дигар мушкилоти ин минтақа, аз қабили таназзули ҷангалҳои наздиобӣ, бад шудани хидматрасониҳои экосистемавӣ, танзими захираҳои об ва устувории иҷтимоию иқтисодӣ тавассути ҳамкориҳои фаромарзӣ хубтар паси сар карда мешаванд.

## Мавҷудияти омодагии ҷонибҳои манфиатдор барои иштирок дар фаъолияти фаромарзӣ

Натиҷаҳои тадқиқот омодагии ҷонибҳои манфиатдорро ба ҳамкориҳои фаромарзӣ дар ҳар ду кишвар нишон медиҳад, аммо сатҳи рағбати иштирок дар ин ҳамкорӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Ҳамкории сиёсии дӯстонаи ду кишвар  дар солҳои охир имкониятҳои фарохро дар самти ҳифзи муҳити зист ба вуҷуд меорад. Гузашта аз ин, аксарият бо сабаби таъриху фарҳанги умумӣ доштан бо кишвари ҳамсоя робитаи қавӣ эҳсос мекунанд.





## Яке аз монеаҳои асосӣ дар ҳифзи фаромарзии табиат кифоя набудаи иқтидор мебошад

Дар ҳама гурӯҳҳои ҷонибҳои манфиатдор, монеаи асосӣ маҳдуд будани иқтидори техникӣ, молиявӣ ва донишӣ мебошад. Нокифоя будани сатҳи дониш оид ба раванди ҳифзи табиати фаромарзӣ дар ҳама сатҳҳо ба назар мерасад. Солҳои охир, аз ҷониби кормандони ҳудудҳои муҳофизатшаванда чорабиниҳои омӯзишӣ ва интиқоли дониш гузаронида мешаванд, ки ин қадамҳои хеле муҳим буда, омодагии онҳоро барои баланд бардоштани иқтидор нишон медиҳад, аммо ин кӯшишҳо то ҳол дар доираи хурди ҷонибҳои манфиатдор амалӣ карда мешаванд.

← *Дарёи Зарафшон. Аксбардор: Шаахмедов С.*

# Пешниҳодҳои сиёсӣ

**1. Гавазни бухороӣ ҳамчун нуқтаи оғози корҳо истифода шавад, на ҳамчун нуқтаи ниҳоӣ:** зарурати ҳифзи популятсияи гавазни бухороӣ дар сатҳи фаромарзӣ ҳадафи эътирофшуда мебошад, ки метавонад ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ барои ҳамкорӣ хизмат кунад. Ҳамкорӣ дар ин самт самаранок мегардад, агар доир ба он махзани маълумоти умумӣ таъсис дода шавад. Ҳарду кишвар бояд равишҳои мониторингро бо ҳам мувофиқа карда, маълумоти мониторингро мунтазам бо ҳамдигар мубодила кунанд. Ин мубодила ва махзани маълумот ҳамчун дарвоза барои ҳалли мушкилоти васеътари система истифода мешавад. Аз ин рӯ, бояд аз консепсияи танҳо ба ҳифзи гавазн нигаронидашуда даст кашида, ба ҳалли мушкилоти васеътар, ба мисли парокандашавии муҳити зист, идоракунии захираҳои об, истисмори аз ҳад зиёди захираҳои табиӣ ва истифодаи заминро, ки мустақиман ё бавосита ба гавазни бухороӣ таъсир мерасонанд, шуруъ кард. Ин кор мустақиман ба тавсияи дуюм оварда мерасонад:

**2. Ҳамкориҳои фаромарзӣ дар самти ҳифзи табиат васеътар шаванд:** ҳамаи манфиатҳое, ки дар натиҷаи ҳамкории фаромарзӣ дар самти ҳифзи табиат ба даст меоянд, бояд беҳтар дарк шаванд. Чорабиниҳо оид ба идоракунии захираҳои об, истифодаи замин, хидматрасониҳои экосистемавӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ бо ҳам бояд муттаҳид карда шаванд. Пайваст кардани ҳифзи табиати фаромарзӣ бо мушкилоти умумии иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти сиёсатро баланд мебардорад, ҳадафҳои ҳифзи табиатро ба афзалиятҳои рушд мутобиқ мекунад ва барои ҳамкорӣ берун аз бахши ҳифзи табиат ҳавасманд мекунад. Барои ҷалби истифодабарандагони замин, маъмурияти ноҳияҳо, мақомоти хоҷагии об ва идораҳои сарҳадӣ ба равандҳои фаромарзӣ, ҳадафҳои ҳифзи табиат бо мушкилоти таъминоти воситаҳои зиндагӣ алоқаманд карда шаванд. Бе дастгирии иҷтимоӣ, ҳифзи фаромарзӣ нозук боқӣ мемонад ва таъсири маҳдуд дорад. Бо назардошти робитаи зичи фарҳангӣ ва сатҳи кунунии ҳамкорӣ, ин тадбирҳо бояд ба дипломатияи оммавӣ дар сатҳҳои гуногун, аз ҷумла мубодилаи байни мактаббачагон ва ғайра равона карда шаванд.

**3. ШӮРОИ МУШТАРАКИ МАШВАРАТӢ ТАЪСИС ДОДА ШУДА, ҲАМКОРИҲОИ ФАРОМАРЗӢ БЕРУН АЗ САТҲИ ЛОИҲАҲО БА РОҲ МОНДА ШАВАНД:** барои васеътар кардан ва берун баровардани ҳамкориҳои фаромарзии ҳифзи табиат, аз ҳамкориҳои нопурра ва танҳо ба лоиҳаҳо асосёфта, бояд як шӯрои муштараки машваратӣ таъсис дода шавад, ки он ҳамчун платформаи доимӣ барои муколама ва ҳамоҳангсозӣ хизмат мекунад. Дар ин Шӯро бояд маъмурияти ҳудудҳои муҳофизатшаванда, мақомоти хоҷагии об ва истифодаи замин, истифодабарандагони заминҳои маҳаллӣ, идораҳои сарҳадӣ ва муассисаҳои сатҳи ноҳиявии ҳарду кишвар муттаҳид шаванд. Ҳадафи Шӯро таъмин намудани гуфтушунидҳо, баррасии пешниҳодҳо, манфиатҳо ва маҳдудиятҳо ҳангоми қабули қарорҳо мебошад. Барои таъмини самаранокӣ, шӯрои машваратӣ бояд сохтори расмии дақиқ дошта бошад, ки ҳадафҳои ҳамкорӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳо дар он нишон дода шаванд. Таъсиси шӯрои машваратии расмии дуҷониба имзошуда эътимоднок буда, метавонад вобастагӣ аз лоиҳаҳои инфиродиро кам кунад ва механизми устуворе ба вуҷуд орад, ки тавассути он мушкилоти фаромарзӣ метавонанд ба таври ҳамоҳангшуда ва шаффоф ҳал карда шаванд. Муҳим аст, ки ин Шӯро тавассути буҷети мустақил, ки махсус барои ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба таъмини мубодилаи мунтазами фаромарзӣ пешбинӣ шудааст, нигоҳ дошта шавад. Чунин механизм ҳамкориҳоро дар самти ҳудудҳои муҳофизатшаванда комил ва дастгирии сиёсиро таъмин менамояд.



← *Тазарви зарафшонӣ.*
*Аксбардор: Абдураупов Т.*

**4. АФЗОИШИ ИҚТИДОРИ ТЕХНИКИИ БАЙНИСОҲАВӢ:** чорабинии самараноки ҳифзи табиати фаромарзӣ сармоягузориҳои мақсаднокро ба иқтидори техникии бахшҳои гуногун талаб мекунад. Ҷонибҳои манфиатдор доир ба чӣ гуна амалӣ кардани воситаҳои дарозмуддати чораҳои ҳифзи табиати фаромарзӣ ва чӣ хел таназзули экосистема ба некӯаҳволии одамон ва зиндагии онҳо мустақиман таъсир мерасонад, бояд фаҳмиши дақиқ дошта бошанд. Афзоиши иқтидори мақомоти хоҷагии об, маъмурияти ноҳияҳо ва дигар бахшҳои дахлдори истифодаи замин низ бояд дар назар гирифта шаванд, чунки  маҳз қарорҳои онҳо динамикаи экосистемаро муайян мекунанд. Ғайр аз он, кормандони ҳудудҳои муҳофизатшаванда сатҳи тахассуси худро дар соҳаи мониторинги экологӣ, дарёфти маблағҳо, идоракунии лоиҳа ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бояд баланд бардоранд ва дар шакли молиявӣ ва таҷҳизоти техникӣ дастгирӣ карда шаванд, зеро ҳифзи фаромарзии табиат захираҳои зиёдро талаб мекунад. Барои таъмини мунтазамӣ дар муассисаҳои масъул бояд штатҳои кории махсус оид ба ҳамоҳангсозии фаромарзӣ, мониторинги илмӣ ва идоракунии лоиҳаҳо ҷудо карда шаванд, то ин ки ба сарбории мавҷудаи кормандони ҳудудҳои муҳофизатшаванда кори зиёдии вазмин ба вуҷуд наояд.


*Гавазни бухороӣ. Аксбардор: Б. Мардонов*

Implemented by:

Ёддошти таҳлилӣ аз ҷониби Фонди Михаэл Зукков дар якҷоягӣ бо Институти зоологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар доираи Барномаи минтақавии «Истифодаи интегратсионӣ ва иқлиман ҳассоси замин дар Осиёи Марказӣ» (ILUCA) таҳия шудааст, ки онро Созмони ҳамкории байналмилалии Олмон (GIZ) аз номи ҳукумати Олмон амалӣ менамояд.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонед бо
**Роня Брайтч**, муаллиф
ronja.braitsch@outlook.de ё
**Рустам Мурзаханов** аз Фонди Зукков
rustam.murzakhanov@succow-stiftung.de
тамос гиред.

